ИНСТИТУТИ «ҶАМЪИЯТИ КУШОДА»
БУНЁДИ МАДАД - ТОҶИКИСТОН

JAHON

# АРЗЁБИИ ДАСТРАСИИ ИТТИЛООТ ОИД БА МАБЛАҒГУЗОРИИ COVID-19 ДАР СОМОНАҲОИ РАСМИИ ШАРИКОНИ РУШД ВА ДОНОРҲО

## Таҳлили экспертӣ

Душанбе 2021

## МУНДАРИЧА


ПЕШГУФТОР ..... 4

1. МУҚАДДИМА ..... 5

2. МЕТОДОЛОГИЯИ ТАҲҚИҚОТ ..... 7

3. НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ ..... 12

3.1. Шохиси умумии дастрасии иттилоот дар бораи КМБ марбут ба COVID-19 дар сомонаҳои расмии шарикони рушд ..... 12

3.2. Дастрасии иттилоот дар марҳилаи ҷалби КМБ ..... 14

3.3. Дастрасии иттилоот дар марҳилаи иҷроиши КМБ ..... 16

3.4. Дастрасии иттилоот дар марҳилаи мониторинг, баҳодиҳӣ ва аудити КМБ. Механизми ҷалби ҷомеа ба КМБ ..... 17

4. ХУЛОСА ВА ТАВСИЯҲО ..... 19

Сарчашмаҳои истифодашуда ..... 23

Замимаҳо ..... 24

## Фехристи ихтисораҳо

| | |
|---|---|
| **КБМ** | Кӯмаки байналмилалии молиявӣ |
| **МБ** | Маблағгузории буҷет |
| **ҚМ** | Қарзҳои мақсаднок |
| **КБ** | Кӯмаки бебозгашт |
| **ХБА** | Хазинаи Байналмилалии Асъор |
| **БҶ** | Бонки Ҷаҳонӣ |
| **БОР** | Бонки Осиёии Рушд |
| **БИР** | Бонки Исломии Рушд |
| **БРСММ** | Барномаи Рушди Созмони Миллали Муттаҳид |
| **ИМА** | Иёлоти Муттаҳидаи Амрико |
| **АРБ ИМА** | Агентии ИМА оид ба Рушди Байналмилалӣ |
| **БРО** | Бонки Рушди Олмон |
| **ХАСР** | Хазинаи Авруосиёии Субот ва Рушд |

Маводи мазкур дар чаҳорчӯбаи лоиҳаи ТҶ  “Ҷахон” бо дастгирии молиявии
Шуъбаи ташкилоти байналмилалии Институти “Ҷомеаи Кушода” –
Бунёди Мадад дар Тоҷикистон омода шудааст.
Нуқтаи назари муаллифҳо ва мундариҷаи мавод ақидаи
Шуъбаи ташкилоти байналмилилии Институти “Ҷомеаи Кушода” –
Бунёди Мадад дар Тоҷикистонро инъикос намекунад.

# ПЕШГУФТОР

Таҳқиқоти мазкур ба арзёбии дастрасии иттилоот оид ба маблағгузории лоиҳаҳои шарикони рушд, ки ба паст кардани таъсири пандемияи COVID-19 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудаанд, бахшида шудааст.

Таҳқиқот таҳлили нақши шарикони рушди байналмилалиро дар таъмини шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ оид ба маблағгузории лоиҳаҳои марбут ба COVID-19 бо мақсади таҳияи механизмҳои ҷалби шаҳрвандон ба таҳлил ва аудити кӯмакҳои молиявии байналмилалӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегирад.

Ҳамчун воситаи таҳқиқот, "Методологияи арзёбии ҷамъиятии кӯмаки молиявии байналмилалӣ", ки аз ҷониби Институти таҳлил ва адвокатсияи Украина таҳия шудааст, истифода шудааст[1].

Дар асоси саволномаи махсус омодашуда сомонаҳо ва саҳифаҳои иҷтимоии шарикони рушд, ки лоиҳаҳои марбут ба COVID-19 дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро маблағгузорӣ мекунанд, арзёбӣ карда шуд.

Таҳлили сомонаҳо ва саҳифаҳои иҷтимоии шарикони рушд бо мақсади муайян кардани дастрасӣ ва мукаммалии иттилот дар бораи ҷалб ва истифодаи маблағҳо дар Тоҷикистон, ошкорбаёнии иттилоот дар марҳилаҳои асосии татбиқи лоиҳа, ҳисоботдиҳии харҷи маблағҳо, шаффофияти истифодаи маблағҳо, инчунин ҷалби эҳтимолии ҷомеа дар татбиқи лоиҳа гузаронида шуд.

Дар ҷамъбаст тавсияҳои амалӣ ҷиҳати баланд бардоштани шаффофият ва ҳисоботдиҳии фаъолияти созмонҳои молиявии байналмилалӣ дар соҳаи маблағгузории лоиҳаҳои марбут ба COVID-19 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудаанд.

Таҳқиқот аз ҷониби У.Джумаев ва Т.Азизова, коршиносон оид ба шаффофият ва ҳисоботдиҳии кӯмакҳои молиявии байналмилалӣ дар чаҳорчӯбаи лоиҳаи ташкилоти ҷамъиятии "Ҷаҳон" омода карда шуд.

Бо камоли майл, тавсияҳои хешро метавонед ба почтаи электронии муаллиф u.dzhumaev@mail.ru ва ngo.jahon@gmail.com ирсол намоед.

*Калидвожаҳо:* созмонҳои молиявии байналмилалӣ, маблағгузории лоиҳаҳои COVID-19 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, арзёбии иттилоот, сомонаҳо ва саҳифаҳои иҷтимоии шарикони рушд, шаффофият ва ҳисоботдиҳии кӯмакҳои молиявии байналмилалӣ.

[1] Институти таҳлилгарӣ ва адвокатсияи Украина. Сомонаи расмӣ https://iaa.org.ua/ (Санаи мурочиат: 10.08.2021)

# 1. МУҚАДДИМА

Кӯмаки байналмилалии молиявию қарзӣ ва грантӣ дар дастгирии татбиқи сиёсати давлатӣ барои кишварҳои шарик, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақши муҳим дорад.

Дар давраи паҳншавии фаъолонаи пандемияи COVID-19, ки ба паст гаштани нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар таъсири ҷиддие расонд, кӯмаки саривақтии созмонҳои молиявии байналмилалӣ – шарикони рушд ба мисли Хазинаи Байналмилалии Асъор, Бонки Ҷаҳонӣ, Бонки Осиёии Рушд, Бонки Исломии Рушд, Хазинаи Авруосиёии Субот ва Рушд ва ғайра, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дастгирии қисми хароҷоти буҷет ва таъмини устувории татбиқи лоиҳаҳо ва барномаҳои давлатӣ, аз ҷумла дар соҳаи коҳиш додани таъсири манфии пандемия, мусоидат намуд[2].

Маълум аст, ки созмонҳои молиявии байналмилалӣ - созмонҳои тавоно мебошанд, ки дар соҳаи фаъолияти оператсионӣ ва стратегӣ стандартҳо ва меъёрҳоеро муқаррар мекунанд, ки на танҳо барои худ, балки барои тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ татбиқ мешаванд.

Дар вактхои охир муассисахо ба масъалахои шаффофияти молиявӣ ва хисоботдихӣ диққати чиддӣ медиханд.

Исбот шудааст, ки сари вақт нашр шудани гузоришҳо ва қарорҳои созмонҳои молиявии байналмилалӣ ба дастгирии буҷети давлатии кишварҳои шарик ва тақсими муассири маблағҳо таъсири назаррас мерасонад[3].

Нигаронии созмонҳои молиявии байналмилалӣ аз паст будани шаффофият дар масрафи мақсадноки маблағҳо боиси эҷоди ташаббусҳои гуногуни умумиҷаҳон оид ба шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ гардид (ба мисли Ташаббуси умуҷаҳонии шаффофияти молиявӣ - GIFT[4]), ки принсипҳои асосии дастрасӣ ба иттилоотро танзим мекунанд.

Аммо саволе ба миён меояд, ки «то чӣ андоза ин принсипҳоро худи шарикони рушд риоя мекунанд ва оё онҳо дар назди шаҳрвандон ва шарикони дигар дар масъалаҳои истифодаи самаранок ва мақсадноки маблағҳои ҷудошуда, бахусус лоиҳаҳои осебпазир марбут ба COVID-19, ҳисоботдиҳанда мебошанд ё на?"

Бинобар ин, зарурати таҳқиқи сатҳи дастрасии иттилоот аз ҷониби созмонҳои молиявии байналмилалӣ дар маблағгузории лоиҳаҳои марбут ба COVID-19 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба такмили механизми ҷалби аҳолӣ ба ин раванд ба миён меояд.

Бояд гуфт, ки ин аввалин таҳқиқотест, ки ба арзёбии дастрасии иттилоот дар сомонаҳои шарикони рушд оид ба ҷудо кардан ва истифодаи кӯмаки молиявии берунаи марбут ба COVID-19 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодшуда, бахшида шудааст.

---

[2] Ниг. ба Иттилоот дар бораи иҷрои қисми хароҷоти Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020, инчунин хароҷоти буҷет вобаста ба чораҳои мубориза бар зидди паҳншавии бемории сироятии COVID-19. Вазорати молияи Ҷумҳурии Точикистон. Сарчашма: http://minfin.tj/downloads/covid-19%202020.pdf (санаи муроҷиат: 10.08.2021).

[3] Ниг. ба Transparency at the IMF: A guide for civil society on getting access to information from the IMF. Global Transparency initiative. Bretton Woods Project. London, 2007. https://www.internationalbudget.org/wp-content/uploads/A-Guide-for-Civil-Society-on-Getting-Access-to-Information-from-the-IMF.pdf (санаи муроҷиат: 10.08.2021).

[4] High level principles on fiscal transparency, participation and accountability. Global initiative on fiscal transparency. https://www.fiscaltransparency.net/gift-principles/ (санаи муроҷиат: 10.08.2021).

**Мақсад ва вазифаҳо**

Мақсади таҳқиқоти мазкур арзёбии сатҳи дастрасии иттилоот дар сомонаҳои расмии шарикони рушд оид ба ҷудо кардан ва истифодаи кӯмаки молиявии берунаи марбут ба COVID-19 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба беҳтар намудани шаффофият ва ҳисоботдиҳии татбиқи он ба ҳисоб меравад.

Барои ноил шудан ба мақсад **вазифаҳои** зерин гузошта шудаанд:

- таҳқиқи меъёрҳо ва стандартҳои муосири байналмиллалӣ дар соҳаи ошкорбаёнии иттилооти муккамал аз ҷониби созмонҳои молиявии байналмиллалӣ оид ба кӯмаки молиявии беруна ба кишварҳо ва мутобиқ кардани методологияи арзёбии дастрасии иттилоот оид ба лоиҳаҳои маблағгузории COVID-19 дар Тоҷикистон;

- омӯзиши маҷмӯи лоиҳаҳои маблағгузории берунии марбут ба COVID-19 дар Тоҷикистон ва тартиб додани феҳристи лоиҳаҳои молиявию қарзӣ ва грантӣ, ки ба COVID-19 дар Тоҷикистон нигаронида шудаанд, инчунин тартиби феҳристи сомонаҳо ва саҳифаҳои иҷтимоии созмонҳои молиявии байналмиллалӣ барои арзёбӣ ва таҳлил;

- арзёбии сатҳи дастрасии иттилоот барои шаҳрвандон дар бораи тақсимот ва истифодаи маблағҳои байналмилалии молиявӣ, қарзӣ ва грантӣ дар сомонаҳо ва саҳифаҳои иҷтимоии созмонҳои молиявии байналмилалӣ, дар марҳилаҳои асосии татбиқи лоиҳаҳои марбут ба COVID-19 дар Тоҷикистон;

- таҳлили сатҳи шаффофият, ҳисоботдиҳӣ ва татбиқи механизмҳои ҷалби аҳолӣ аз ҷониби созмонҳои молиявии байналмилалӣ дар масоили маблағгузории лоиҳаҳои марбут ба COVID-19 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба баланд бардоштани сатҳи шаффофият ва ҳисоботдиҳии созмонҳои молиявии байналмилалӣ бо мақсади ҷалби ҷомеа ба мониторинг ва арзёбии лоиҳаҳои марбут ба COVID-19 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Усулҳои таҳқиқот ва сарчашмаҳои иттилоот**

Ҷамъоварии иттилоот бо усули саҳрой бо воситаи пур кардани саволномаи махсус омодашуда барои арзёбии вазъи кунунии дастрасии иттилоот оид ба маблағгузории лоиҳаҳои марбут ба COVID-19 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сомонаҳо ва саҳифаҳои иҷтимоии шарикони рушд ва донорҳо сурат гирифт. Бақайдгирӣ ва коркарди иттилоот бо истифода аз бастаи MS Excel сурат гирифт.

Барои муайян кардани нишондиҳандаҳои заминавӣ оид ба арзёбии шаффофият ва ҳисоботдиҳии шарикони рушд оид ба маблағгузории лоиҳаҳои марбут ба COVID-

19 ва таҳияи саволнома “Методологияи баҳодиҳии ҷамъиятии кӯмакҳои молиявии байналмилалӣ”, ки аз ҷониби Институти таҳлил ва адвокатсияи Украина таҳия шудааст, мутобиқ карда шудааст. Иттилооти муфассалтар оид ба методологияи таҳқиқот дар кори мазкур оварда шудааст.

## 2. МЕТОДОЛОГИЯИ ТАҲҚИҚОТ

Бо дарназардошти он, ки аксари кишварҳои ҷаҳон иштирокчиёни фаъоли муносибатҳои қарзии байналмилалӣ, инчунин гирандагони кӯмакҳои техникии байналмилалӣ мебошанд, омӯзиши дараҷаи шаффофият ва ҳисоботдиҳии созмонҳои молиявии байналмилалӣ дар робита ба тақсимот ва истифодаи кӯмакҳои молиявии беруна барои шаҳрвандони кишварҳои шарик дар айни замон хеле мувофиқ аст.

Барои чен кардани шаффофият ва ҳисоботдиҳии созмонҳои молиявии байналмилалӣ дар назди шаҳрвандони кишварҳои шарик дар масъалаҳои марбут ба кӯмаки байналмилалии молиявӣ (КМБ), ин абзори арзёбӣ таҳия шудааст.

Системаи арзёбӣ вобаста ба натиҷаҳои таҳқиқоти “Кӯмаки байналмилалии молиявӣ барои пешгирии паҳншавии COVID-19: Арзёбии шаффофият ва дастрасӣ ба иттилоот”, ки аз ҷониби Институти таҳлил ва адвокатсияи Украина дар соли 2021 гузаронида шудааст, асос ёфтааст.

Барои содда кардани раванди таҳқиқот дар робита ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, мо методологияи мазкурро бо назардошти 6 принсипи асосӣ – меъёрҳои арзёбии шаффофият ва ҳисоботдиҳии КМБ дар назди кишвар мутобиқ намудем:

1. *Ошкорбаёнии иттилоот*. Созмонҳои байналмилалии молиявӣ иттилоотеро, ки онҳо ба ҳукумат дар бораи КМБ пешниҳод мекунанд, нашр мекунад. Додаҳо дастрасанд ва дар ресурсҳо ҷойгиранд, ки аз ҷониби муассисаҳои молиявии байналмилалӣ идора, пур ё нигоҳдорӣ мешаванд. Шаҳрвандон метавонанд озодона бо мақсад ва ҳаҷми кӯмаки молиявии беруна шинос шаванд, бо уҳдадориҳои созишномаҳое, ки давлат ба дӯши худ гирифтааст, ошно гарданд. Аҳолӣ метавонад озодона чунин иттилоотро аз манбаъҳои расмӣ дастрас намояд.

2. *Мукаммалии иттилоот*. Ҳуҷҷатҳои расмӣ (на хабарномаҳо дар бораи онҳо) нашр шудаанд. Созишнома дар бораи ҷалби маблағ ва лоиҳае, ки ба он равона карда мешавад, низ дар ихтиёри ҷомеа қарор дорад. Ҳуҷҷатҳои нашршуда имкон медиҳанд, ки манбаъҳо ва шартҳои маблағгузорӣ, мақсад ва вазифаҳо, шартҳои пардохт (дар мавриди қарз) муқаррар карда шаванд. Шаҳрвандон метавонанд бо ҳуҷҷатҳои молиявии лоиҳа ва дастуру қоидаҳои замимашуда ошно гарданд.

3. *Ошкорбаёнии ҳисоботҳо*. Ҳисобот дар бораи рафти иҷрои лоиҳа ва истифодабарии маблағҳо ба таври системавӣ мураттаб мегардад. Ҳисоботҳо иттилоотро дар бораи натиҷаҳое, ки мувофиқи ҳадафҳои лоиҳа ба даст оварда шудаанд, дар бар мегиранд. Ҳисоботи марҳилавӣ ва ниҳоӣ барои ҳар

як лоиҳа, ки аз ҳисоби КМБ амалӣ карда мешавад, алоҳида гузаронида мешавад. Ҳисоботҳо нашр карда мешаванд ва барои шаҳрвандон дастрасанд. Созмонҳои молиявии байналмилалӣ тавассути сомонаҳои расмӣ ё саҳифаҳои шабакаҳои иҷтимоӣ ҷомеаро дар бораи фаъолияти худ дар самти КМБ оид ба лоиҳаҳои марбут ба COVID-19 дар Тоҷикистон хабардор менамоянд.

4. *Шаффофият.* Аксарияти равандҳое, ки барои гирифтан ва истифодаи КМБ алоқаманданд, шаффофанд. Тақсими маблағгузорӣ ва татбиқи лоиҳа тибқи озмун ҷалби рақобатпазири иҷрокунандагонро пешбинӣ мекунад. Иттилоот дар бораи баҳисобгирӣ, мониторинг, тақсимоти кӯмаки байналмилалӣ, ки таҳрифи натиҷаҳои озмунҳо/омор ё таҳрифи иттилоот аз ҷониби шахсони сеюмро ғайриимкон месозад, дар сомонаҳои шарикони рушд дастрас аст. Иттилоотҳо барои истифодаи аҳолӣ дастрас аст.

5. *Иштироки омма.* Созмонҳои молиявии байналмилалӣ барои муҳокима бо шаҳрвандон дар бораи ниёзҳо ва имконпазирии тақсимот ва истифодаи КМБ дар кишвар тартибот эҷод мекунанд. Шаҳрвандон ҳуқуқ ва имконият доранд, ки вобаста ба татбиқи лоиҳаҳо тавассути кӯмаки байналмилалӣ пешниҳод ва/ё эътироз баён кунанд. Дар байни шарикони рушд ва ҷомеа як канали алоқаи бозгашт вуҷуд дорад, ки ба онҳо имкон медиҳад, ки дар мавзӯи КМБ муошират кунанд.

6. *Ҳисоботдиҳии хароҷотҳо.* Иттилоот дар бораи истифодаи мақсаднок ва самараноки маблағҳои ба давлат ҷудошуда, ки лоиҳа пешбинӣ кардааст, дар сомонаҳои шарикони рушд дастрас аст. Аҳоли имконият дорад, ки окилона ва камхарҷ будани харидро мустақилона тафтиш кунад. Ҳангоми хариди мол, кор ва хизматрасонӣ дар доираи лоиҳаҳо ҳуқуқи иштирокчиёни бозор маҳдуд намешавад. Тамоми ҳуҷҷатҳое, ки барои хароҷот ё дар ҷараёни хароҷот ба вуҷуд омадаанд, ба ҷомеа дастрасанд.

Меъёрҳои тавсифшуда метавонанд барои хулосабарорӣ дар бораи кишвар бо назардошти талаботи аҳолӣ ҳангоми истифодаи КМБ асос шаванд. Барои чен кардани сатҳи мувофиқат бо ҳар як меъёр, мо системаи нишондиҳандаҳои оддиро дар асоси саволҳои пӯшида ташкил кардем. Бинобар ин, барои ченкунии нишондиҳанда танҳо ду варианти ҷавоб пешкаш карда шудааст:

- ҳа (1 хол)
- не (0 хол)

Арзишҳои фосилавӣ барои арзёбӣ истифода намешаванд. Ин аз сабаби мавҷуд набудани нишондиҳандаҳои мураккаб, ки метавонанд иттилооти қисман ё нопурра дошта бошанд, вобаста аст[5].

[5] Пурсишнома дар замимаи 1 оварда шудааст

**Меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои арзёбӣ**

Вазни тамоми нишондиҳандаҳои арзёбӣ якхел аст - 1 хол. Дар баробари ин, барои ҳар як меъёр шумораи нишондиҳандаҳои гуногун вуҷуд дорад.

Воҳиди таҳлилии арзёбӣ “лоиҳа” ё “барнома”-и Кӯмаки байналмилалии молиявӣ (КМБ) мебошад. Баҳои максималии як лоиҳа аз рӯи меъёрҳои асосӣ 27 холро ташкил медиҳад (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1.

Меъёрҳои арзёбии дастрасии иттилоот дар сомонаҳо ва саҳифаҳои иҷтимоии созмонҳои молиявии байналмилалӣ

| *Меъёрҳо* | *Миқдори саволҳо* | *Холи максималӣ* |
|---|---|---|
| 1. Дастрасии иттилоот дар марҳилаи ҷалби кӯмаки молиявӣ | 8 | 8 |
| 2. Дастрасии иттилоот дар марҳилаи иҷроиши лоиҳа | 9 | 9 |
| 3. Дастрасии иттилоот дар марҳилаи мониторинг, баҳодиҳӣ ва аудити лоиҳа | 6 | 6 |
| 4. Механизми ҷалби ҷомеа | 4 | 4 |
| Ҳамагӣ | *27* | *27* |

**Манбаъҳо ва ҷамъоварии иттилоот**

Бо дарназардошти он, ки ин восита ба арзёбии КМБ аз нуқтаи назари шаҳрванд нигаронида шудааст, нишондиҳандаҳои дастрасӣ, фаҳмоӣ ва суръати ҷустуҷӯи иттилоот дар бораи КМБ нақши муҳим доранд. Аз ин лиҳоз, манбаи умумии иттилоот барои арзёбии мазкур шабакаи Интернетӣ мебошад (танҳо иттилооте, ки дар домени Интернетӣ дастрас аст). Истифодаи захираҳои иттилоотӣ танҳо бо мақсади чен кардани сатҳи кӯшишҳои созмонҳои молиявии байналмиллалӣ барои шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ дар назди шаҳрвандони кишварҳои шарик вобаста аст.

Воҳиди таҳлилии арзёбӣ “лоиҳа” ё “барнома”-и КМБ мебошад.

**Марҳилаҳои таҳқиқот**

Дар марҳилаи аввал корҳои омодагӣ барои арзёбии воситаҳои ҷалби КМБ ва муайян кардани намудҳои он гузаронида шуданд (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2.

Воситаҳои КМБ, ки дар таҳқиқот истифода мешаванд

| **Намуд** | **Нишон** | **Тавсиф** |
|---|---|---|
| 1. Маблағгузории буҷет | МБ | Барномаҳои қарзӣ, ки ҳадафи мақсаднок надоранд, барои маблағгузории каср ба буҷет фиристода мешаванд |
| 2. Қарзҳои мақсаднок | ҚМ | Қарзҳое, ки барои мақсадҳои мушаххас ҷалб карда мешаванд |
| 3. Кӯмаки бебозгашт | КБ | Лоиҳаҳои кӯмаки техникии (молиявии) байналмилалӣ, ки баргардонидани маблағро талаб намекунанд. |

Ҳар як намуд аз рӯи як методология алоҳида баҳо дода шуд, ки дар натиҷа рейтинги умумӣ ҳамчун миёнаи се нишондиҳанда ҳисоб карда шудааст.

Созмони молиявии байналмилалӣ метавонад яке аз намудҳои кӯмаки молиявӣ истифода барад, мутаносибан, рейтинги умумии созмон ба сифати миёнаи байни ду нишондиханда ё ба сифати хол барои намуди ягонаи кӯмаки молиявӣ хисоб карда шудааст.

Дар марҳилаи дуюми таҳқиқот шумораи умумии лоиҳаҳо/барномаҳо барои ҳар як намуди КМБ муайян карда шуд[6]. Ин рақам ҳангоми ҳисоб кардани натиҷаҳои таҳлил ба 100 фоиз баробар аст. Маҳз аз ӯ сатҳи иҷрои як меъёри муайян чен карда мешавад.

Масалан, агар як созмони молиявии байналмилалӣ 6 лоиҳаи КМБ-ро муайян карда бошад, аммо дар ҳар як созишнома ҳамагӣ 3-тоаш нашр шуда бошад, ин маънои онро дорад, ки ин нишондиҳанда 50% иҷро шудааст.

Дар асоси ҳамин равиш, лоиҳаҳо/барномаҳо аз рӯи соҳа баҳо дода шуданд. Яъне, шумораи умумии лоиҳаҳо дар соҳа 100 фоиз гирифта шудааст.

**Системаи миқёс ва баҳогузорӣ**

Ҷадвали рейтинги шаффофият ва ҳисоботдиҳии КМБ аз ҷониби шарикони рушд дар кишвар ҳамчун фоиз аз 0 то 100% ҳисоб карда шудаанд, ки дар он ҷо:

- 0% маънои онро дорад, ки раванди ҷалб, тақсим ва сарфи КМБ дар кишвар барои аҳолӣ комилан ношаффоф аст;
- 100% - раванд кушода аст, иттилооти кофӣ мавҷуд аст ва равшан аст, ҷомеа метавонад дар ташаккули сиёсатҳо дар соҳаи КМБ иштирок кунад.

Миқёси миёна ба 4 сатҳ тақсим мешавад (ҷадвали 3).

Ҷадвали 3.

Миқёси арзёбии шаффофият ва ҳисоботдиҳии иттилооти КМБ

| **Ранг** | **Шарҳ** | **% -и дастрасии иттилоот** |
|---|---|---|
| Сурх | иттилоот дар бораи кӯмаки молиявии байналмилалӣ дастрас нест, равандҳо ва натиҷаҳо ба шаҳрвандон дастнорасанд | 0-25% |
| Норинҷӣ | иттилоот қисман ё танҳо аз рӯи як қисми лоиҳаҳо дастрас аст | 25-50% |
| Зард | раванди ҷалб ва истифодаи КМБ пурра кушода аст, барои ташаккул додани тасвири комилан мукаммал иттилоот кофӣ нест, аммо барои фаҳмиши асосӣ басанда аст | 51-75% |
| Сабз | раванди ҷалб ва истифода шаффоф аст, иттилоот кушода аст, воситаҳои иловагӣ барои низомсозӣ ва ирсоли иттилоот дар бораи КМБ истифода мешаванд | 76-100% |

Дар марҳилаи аввал, ҳар як лоиҳаи инфиродӣ аз шумораи интихобшуда, ки ба сифати асос гирифта шудааст, арзёбӣ карда шуд. Баъд аз ин, маҷмӯи лоиҳаҳо баҳо дода шуда, ҳисоб карда шуд, ки чанд фоизи маҷмӯи лоиҳаҳо ба ҳадди ниҳоии меъёр мувофиқат мекунанд.

[6] Шумораи умумии лоиҳаҳои КМБ марбут ба COVID-19, ки дар таҳқиқоти мазкур мавриди омӯзиш қарор гирифта шудаанд дар замимаи 2 оварда шудаанд.

Барои як намуди КМБ, холҳои умумии рейтинг ҳамчун фоизи миёнаи мувофиқат ба нишондиҳандаҳо ҳадди аққал ҳисоб карда мешаванд.

**Таҳлили муқоисавӣ**

Натиҷаҳои арзёбии КМБ барои лоиҳаҳои алоҳидаи созмонҳои молиявии байналмилалӣ (шарикони рушд) бо мақсади муқоисаи сатҳи шаффофият ва ҳисоботдиҳии созмонҳои байналмилалӣ дар тақсим ва истифодаи КМБ марбут ба COVID-19 ҷамъбаст карда шуданд. Ин усул имкон дод:

аввалан, ба созмонҳои молиявии байналмилалӣ аз рӯи сатҳи шаффофият ва ҳисоботдиҳии тақсим ва истифодаи КМБ нисбат ба дигар созмонҳои байналмилалӣ, ки дар кишвар амал мекунанд, муқоиса карда шавад;

дуюм, натиҷаҳои таҳқиқот ҳамчун воситаи тарғиб барои баланд бардоштани сатҳи шаффофият ва масъулиятшиносии истифодаи КМБ дар кишвар истифода бурда шавад.

# 3. НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

## 3.1. Шохиси умумии дастрасии иттилоот дар бораи КМБ марбут ба COVID-19 дар сомонаҳои расмии шарикони рушд

Ҷамъоварӣ ва арзёбии иттилоот аз рӯи 27 нишондиҳанда оид ба иттилооти нашршуда аз созмонҳои байналмилалӣ дар робита ба кӯмаке, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон расонида шудааст, имкон дод, ки шохиси умумӣ ҷамъбаст карда шавад, ки он вазъи кунунии дастрасии иттилоотро дар бораи КМБ марбут ба COVID-19 дар сомонаҳои расмии шарикони рушд инъикос менамояд. Шохиси мазкур дар асоси нишондиҳандаҳои дастрасии иттилоот дар бораи пешниҳод ва истифодаи кӯмаки беруна ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби созмонҳои молиявии байналмилалӣ ва шарикони рушд, ки тибқи натиҷаҳои таҳқиқот, аз оғози пандемия то ба имрӯз ба кишвар кӯмакҳои назарраси молиявӣ ва грантӣ бо мақсади рафъи оқибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва муқовимат ба пандемияи COVID-19 расониданд, ҳисоб карда шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар расми 1 оварда шудааст.

Расми 1. Шохиси дастрасии иттилоот оид ба КМБ марбут ба COVID-19 дар сомонаҳои расмии шарикони рушд




Тавре, ки аз расми 1 бармеояд, шохиси умумии дастрасии иттилоот дар бораи КМБ марбут ба COVID-19 дар сомонаҳои расмии шарикони рушд ба ҳисоби миёна 38,0 фоизро ташкил дод, ки ин маънои онро дорад, ки шаҳрвандон ба иттилооти маҳдуд дар бораи ҷудо кардан ва истифодаи мақсадноки маблағҳои шарикони рушд оид ба татбиқи лоиҳаҳои марбут ба COVID-19 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрасӣ доранд.

Тибқи натиҷаҳои таҳқиқот, иттилооти бештар дар бораи пешниҳоди КМБ марбут ба COVID-19 дар сомонаҳои БҶ ва ХАСР дастрас аст, БРО, БОР, АРБ ИМА ва БРСММ ба аҳолӣ иттилооти маҳдуд пешниҳод менамоянд. Сатҳи дастрасии иттилоот дар сомонаҳои ХБА ва БИР ҳамчун ҳадди ақал арзёбӣ мегардад.

Тавре зикр гардид, сатҳи баландтарини ошкорбаёнии иттилоот дар бораи КМБ, ки бо COVID-19 алоқаманд аст, дар сомонаи БҶ мушоҳида мешавад, ки аз рӯи ҳисобҳо 59,3% аз 100%-ро ташкил дод. ХАСР бо 55,6% ҷои дуюмро дар шохиси шаффофияти сомонаҳои шарикони рушд ҷойгир шудааст. Ин созмонҳои байналмилалӣ, тибқи созишномаҳои басташуда, ба Ҷумҳурии Тоҷикистон КМБ мутаносибан ба маблағи 11,3 ва 50,0 миллион доллари ИМА ҷудо кардаанд[7].

Лоиҳаи Бонки Ҷаҳонӣ ба вокуниши изтирорӣ ба пандемия нигаронида шудааст ва вазифаҳоро аз қабили пешгирӣ ва мубориза бо сироятҳо, такмил ва ташкили шӯъбаҳои реаниматсионӣ, дастгирии фаъолияти иттилоотӣ ва иртиботӣ, ки ба баланд бардоштани огоҳӣ, дониш ва фаҳмиши аҳолӣ дар бораи хатар ва эҳтимолияти таъсири пандемия, дастгирии муваққатии иҷтимоӣ барои хонаводаҳои осебпазир равона шудааст, дар бар мегирад.

Хазинаи Авруосиёии Субот ва Рушд барои татбиқи барномаи Ҳукумат ва Бонки миллии Тоҷикистон ба ҷумҳурӣ дар шакли қарзи молиявӣ ба муҳлати 20 сол бо 1 фоизи солона бо давраи имтиёзноки 10 сол барои муқовимат ба таъсири паҳншавии пандемия ба бахшҳои иқтисодӣ, молиявӣ ва иҷтимоӣ кӯмаки молиявӣ расонд.

Омили асосии афзоиши сатҳи ошкорбаёнии иттилоот дар сомонаҳои БҶ ва ХАСР ин нашри иттилооти муфассал дар бораи тақсимот ва истифодаи КМБ дар шакли воситаи интерактивии арзёбӣ ва таҳлили татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ (ки дар мисоли сомонаи БҶ бештар дидан мумкин аст) ва дастрасии иттилоот дар бораи ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ барои гирифтани қарзи молиявӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон (нигаред ба сомонаи ХАСР) дидан мумкин аст.

Дарвоқеъ, дастрасии иттилоот дар бораи КМБ дар ин ҳолатҳо имкон медиҳад, ки иттилооти заруриро дар бораи тақсимот ва истифодаи эҳтимолии маблағ барои КМБ тибқи нишондиҳандаҳои эълоншуда ҷамъоварӣ кунем.

Илова бар ин, имкони дастрасӣ ба иттилоот дар бораи тақсими маблағҳо, шартномаҳои хариди басташуда ва мониторинги истифодаи маблағҳои ҷудошуда барои лоиҳаи мушаххаси КМБ, ки онро дар сомонаи БҶ мушоҳида кардан мумкин аст, ба шаҳрвандон имкон медиҳад, ки иттилооти бештарро дар бораи шаффофияти маблағ дар марҳилаи татбиқ ва мониторинги лоиҳа истифода баранд.

Сарфи назар аз он, ки бархе аз созмонҳои молиявии байналмилалӣ, аз қабили БОР, БРО, АРБ ва БРСММ низ шаклҳои электронии ҳуҷҷатҳои созишномаҳои грантиро, ки байни роҳбарияти ин созмонҳо ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷудо кардани маблағ барои лоиҳаҳои марбут ба ба COVID-19 баста шудаанд, нашр кардаанд, шохиси дастрасии иттилоот дар бораи КМБ дар сомонаҳои ин гуна созмонҳои молиявии байналмилалӣ ва шарикон ҳамчун "маҳдуд" арзёбӣ мешавад.

[7] Портали рақамии кӯмаки беруна. Ташаббуси шаффофияти кӯмаки байналмилалӣ. Сарчашма: http://dportal.org/ctrack.html?country_code=TJ&status_code=3%2C2%2C1&year_min=2020&year_max=2021&aids=COVID-19#view=main (санаи мурочиат: 10.08.2021)

Шохиси шаффофияти ин гурӯҳи созмонҳо нисбат ба БҶ ва ХАСР ба ҳисоби миёна ба 17,5% пастар аст ва аз 33,3% то 48,1% фарқ мекунад.

Сабаб дар он аст, ки ин созишномаҳои грантӣ дар бораи КМБ танҳо дар марҳилаи ҷалб ва ҷудо кардани маблағҳо иттилооти мукаммал медиҳанд, аммо дар марҳилаҳои татбиқ, мониторинг ва арзёбии лоиҳаҳои КМБ аз рӯи самтҳои COVID-19, иттилооте, ки дар сомонаҳои расмӣ ҷойгир аст, хеле маҳдуд аст.

Ба зергурӯҳ бо нишондиҳандаи ҳадди аққали сатҳи дастрасии иттилоот дар бораи КМБ аз рӯи самтҳои COVID-19, ки дар сомонаҳои расмӣ пешниҳод шудаанд, ХБА ва БИР дохил шуданд. Барои нишондиҳандаҳои асосии арзёбии иттилоот дар сатҳи татбиқ, мониторинг, баҳодиҳӣ ва аудити лоиҳа иттилоот дар бораи лоиҳаҳои КМБ дастраси шаҳрвандон нест.

Таҳлили муфассали сатҳи дастрасии иттилоот дар марҳилаҳои асосии ҷалб ва татбиқи КМБ аз шарикони рушд дар бандҳои зерини таҳқиқот оварда шудааст.

## 3.2. Дастрасии иттилоот дар марҳилаи ҷалби КМБ

Дар марҳилаи ҷалби КМБ шаҳрвандон бояд ба иттилоот оид ба созишномаҳои лоиҳавӣ, ки байни созмонҳои молиявии байналмилалӣ ва иҷрокунандагони масъули Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷудо намудани маблағ барои лоиҳаҳои марбут ба COVID-19 баста мешаванд, дастрас бошанд.

Иттилооти мазкур мувофиқи стандартҳои байналмилалии эътирофшудаи шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ бояд ба созмонҳои расмии масъули омодасозии ин иттилоот, яъне дар сомонаҳои созмонҳои молиявии байналмиллалӣ, дастрас бошад.

Дастрасӣ ба иттилоот дар марҳилаи ҷамъоварии маблағ ба шаҳрвандон имкон медиҳад, ки дар доираи лоиҳаи КМБ, арзиши умумии маблағгузорӣ, манбаъҳои маблағгузорӣ, ҳаҷм ва мӯҳлатҳои лоиҳа, шартҳои пардохти қарз ва ҳаҷми он, пардохти фоизҳо, агар дар шартнома пешбинӣ шуда бошад, инчунин дар бораи қарздиҳанда ва қарзгиранда иттилооти заруриро ба даст оранд.

Ба андешаи мо, дастрасӣ ба чунин иттилоот ба аҳолӣ имкон медиҳад, ки дар бораи КМБ-и ба кишвари ҷудошуда тасаввуроти умумӣ пайдо кунад ва асоснокии ҷудо кардани дастгирии молиявиро дуруст тафсир намояд.

Ҳисобкунии шохиси дастрасии иттилоот дар сомонаҳои расмии шарикони рушд дар марҳилаи ҷалби КМБ вобаста ба COVID-19 дар расми 2 оварда шудааст.

Тибқи иттилооти пешниҳодшуда, сатҳи миёнаи дастрасии иттилоот дар марҳилаи ҷалби КМБ 73,4% аз 100% имконпазир арзёбӣ мешавад, ки ин нишондиҳандаи хеле муҳим барои созмонҳои асосии молиявии байналмилалӣ ва шарикони рушд, ки кӯмаки молиявии хешро марбут ба COVID-19 ба Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд, ба ҳисоб меравад.

Ин нишондиҳанда ҳамчун “назаррас” арзёбӣ мешавад ва қариб ба сатҳи “дастрасии баланди иттилоот” наздик шудааст. Сатҳи максималии дастрасии иттилоот дар марҳилаи ҷалби КМБ, тибқи методологияи арзёбии изҳоршуда, дар сомонаҳои БОР ва ХАСР дида мешавад, ки 100% ташкил дод.

Ҷои дуюмро бо сатҳи “баланди” дастрасии иттилоот БРО ва БҶ ишғол намудаанд.

Расми 2. Дастрасии иттилоот дар сомонаҳои расмии шарикони рушд дар марҳилаи ҷалби КМБ вобаста ба COVID-19




Тавре зикр гардид, сабаби асосии соҳиб гаштани шарикони рушд ба чунин баҳои баланд ин нашри ҳуҷҷатҳои расмӣ, аз ҷумла созишномаҳои грантии басташуда оид ба ҷудо намудани КМБ марбут ба COVID-19 ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар сомонаҳои расмии хеш мебошад. Дар ин асноди расмӣ номгӯи асосии масъалаҳои марбут ба ҷудо кардани кӯмакҳои молияву грантӣ ва шароити истифода аз он дар кишвар фаро гирифта шудаанд.

Дараҷаи дастрасии иттилоот дар марҳилаи ҷалби КМБ дар сомонаҳои БРСММ ва АРБ ИМА ҳамчун “назаррас” арзёбӣ мешавад ва мутаносибан 75% ва 62,5%-ро ташкил медиҳад.

Ин нишондиҳандаи хеле муҳим аст. Аз 8 нишондиҳандаи эълоншудаи қисми мазкури иттилоот дар сомонаҳои БРСММ ва АРБ ИМА оид ба 5-6 нишондиҳанда иттилоот дастрас аст.

Сарфи назар аз сатҳи хеле баланди дастрасии иттилоот дар сомонаҳои расмии ин созмонҳо, муайян кардани манбаъҳои маблағгузорӣ ғайриимкон аст, инчунин иттилоот дар бораи санаи оғоз ва санаи ба нақшагирифтаи анҷоми лоиҳаҳои КМБ марбут ба COVID-19 дастрас нест.

Сатҳи дастрасии иттилоот дар марҳилаи ҷалби КМБ дар сомонаҳои ХБА ва БИР ҳамчун “маҳдуд” арзёбӣ мешавад. Тибқи иттилооте, ки дар сомонаҳои ин созмонҳо нашр шудааст, муайян кардани қарзгир ё гирандаи маблағ ғайриимкон аст, ҳамчунин иттилоот дар бораи сарчашмаҳои ҷалби кӯмаки молиявӣ, иттилоот дар бораи санаи оғоз ва санаи ба нақшагирифтаи анҷоми лоиҳа дастрас нест.

Дар маҷмӯъ, бояд ба назар гирифт, ки сатҳи дастрасии иттилоот дар сомонаҳои расмии шарикони рушд дар марҳилаи ҷалби КМБ вобаста ба COVID-19 хеле баланд буда, иттилооти заруриро барои иштироки шаҳрвандон дар муҳокимаи лоиҳаҳои мазкур ва ҳамкорӣ бо шарикони рушд оид ба беҳтар намудани ҷалб ва истифодаи кӯмаки шарикони рушд дар кишвар пешкаш менамояд.

## 3.3. Дастрасии иттилоот дар марҳилаи иҷроиши КМБ

Блоки мазкур бахшҳои иттилоотро дар бораи иҷрокунандаи масъул - ҳамоҳангсози лоиҳа, дар бораи ҷадвали татбиқи лоиҳа, тақсими вазифаҳои мушаххас дар доираи ҳадафҳои татбиқи лоиҳа, нақшаи харид дар доираи маблағҳои ҷудошуда, масъулони иҷрои супоришҳои инфиродӣ, хаҷм ва мӯҳлати траншҳо, шартҳои таъминоти маблағгузорӣ ва сиёсати донорҳо оид ба идоракунии маблағҳоро дар бар мегирад.

Аён аст, ки аз дастрасии саривақтии иттилоот дар марҳилаи татбиқи лоиҳа шаҳрвандон имкон доранд, ки дар қабули қарорҳои идоракунӣ оид ба истифодаи мақсадноки КМБ бо дарназардошти эҳтиёҷот ва талаботи муосири қишрҳои осебпазиртарин ахолӣ ширкат варзанд.

Арзиши миёнаи сатҳи дастрасии иттилоот дар марҳилаи татбиқи КМБ 26,4 фоизро ташкил дод, ки он ҳамчун "дастрасии маҳдуд ба иттилоот" арзёбӣ мешавад (расми 3). Ин маънои онро дорад, ки иттилооти маҳдуд дар бораи татбиқи лоиҳаҳои кӯмаки молиявӣ барои шахрвандон дастрас аст ва барои ҷалби самараноки шаҳрвандон ба татбиқи лоиҳаҳои КМБ кофӣ нест.

Расми 3. Дастрасии иттилоот дар сомонаҳои расмии шарикони рушд дар марҳилаи иҷроиши лоиҳаҳои КМБ марбут ба COVID-19




Рейтинги баландтарин аз рӯи нишондиҳандаҳои блоки мазкури иттилоот дар сомонаи БРО арзёбӣ шудааст - 55,6%. БРО иттилооти муҳимро дар бораи нақшаи татбиқи лоиҳа бо тафсилоти вазифаҳо ва иҷрокунандагони масъул пешниҳод мекунад. ХАСР ва БҶ бо шохиси мутаносибан 44,4% ва 33,3% аз сатҳи миёнаи

дастрасии иттилоот болотар ҷойгир шудаанд. Аммо, сатҳи КМБ-и ХАСР ва БҶ дар ин блок ҳамчун “маҳдуд” арзёбӣ шудааст. Норасоии асосӣ дар дастрасӣ ба иттилоот дар он аст, ки сомонаҳои ин созмонҳо дастрасии кушодро ба иттилоот дар бораи нақшаи харид ва расмиёти танзими харид барои татбиқи КМБ таъмин намекунанд. Шартҳои пешниҳоди маблағгузорӣ, яъне шартҳои пешбинии маблағгузорӣ ба кишвари шарик, ва ҳамчунин иттилоот дар бораи сиёсати истифодаи ин маблағҳо низ дар сомонаҳои ин шарикони рушд дастрас нест.

Тибқи иттилооти дар расми 3 овардашуда, панҷ шарики рушд, аз қабили БОР, АРБ ИМА, ХБА, БРСММ ва БИР дар марҳилаи татбиқи КМБ иттилооти ҳадди аққалро дар доираи 11,1% - 22,2% пешниҳод мекунанд.

Барои ин созмонҳо аз 9 нишондиҳандаи эълоншуда танҳо аз рӯи 1-2 нишондиҳанда дар бораи он, ки созмонҳо вазифаҳоро дар доираи лоиҳа чӣ гуна иҷро мекунанд, ва инчунин дар бораи ҳаҷм ва миқдори траншҳо ва/ё нақшаи маблағгузорӣ иттилоот мавҷуд аст. Дар бораи 6 - 7 нишондиҳандаи боқимонда иттилоот дастрас нест.

### 3.4. Дастрасии иттилоот дар марҳилаи мониторинг, баҳодиҳӣ ва аудити КМБ. Механизми ҷалби ҷомеа ба КМБ

Дар марҳилаи мониторинг ва арзёбии КМБ марбут ба COVID-19, рейтинги миёнаи дастрасии иттилоот 27,1%-ро ташкил дод, ки нисбат ба марҳилаи ҷалби кӯмак 46,3% камтар ва нисбат ба марҳилаи татбиқи КМБ 0,7% баланд аст (расми 4).

